# САФОРАТИ ЧОПОН ТОҶИКИСТОН

Шаҳри Душанбе, кӯчаи Х.Назаров, 80/А
Тел: 992 (446) 00 54 77/78;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From
the People of Japan

# EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN

80/A, Kh. Nazarov Str., Dushanbe, Tajikistan
Tel: 992 (446) 00 54 77/78;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp


## ИЗҲОРОТИ ИТТИЛООТӢ

## АНҶОМ ЁФТАНИ ЛОИҲАИ ТАКМИЛИ ТАҶҲИЗОТИ ТИББИИ БЕМОРХОНАИ МАРКАЗИИ ШАҲРИ ПАНҶАКЕНТ ДАР ДОИРАИ КУМАКИ РАСМИИ РУШДИ ҲУКУМАТИ ЧОПОН

**Душанбе, ТОҶИКИСТОН**

21-уми июли соли 2025 дар шаҳри Панҷакент Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, **хонум ФУРУТА Кэйко**, ҳамроҳ бо муовини раиси шаҳри Панҷакент **хонум НАҚИБӢ Парвина** ва мудири беморхонаи марказии шаҳри Панҷакент **ҷ-би РАҲИМОВ Умед**, дар маросими ба анҷом расидани **«Лоиҳаи такмили таҷҳизоти тиббии беморхонаи марказии шаҳри Панҷакент»** иштирок карданд. Дар маросим кормандони тиббии беморхонаи болозикр низ ширкат доштанд.

Лоиҳа дар доираи Барномаи Ҳукумати Ҷопон - кумакҳои бебозгашт ва амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ (GPP) бо маблағи **102,660 доллари ИМА** амалӣ гардид. То вақтҳои охир дар беморхонаи мазкур таҷҳизоти тиббии кӯҳна аз солҳои 1970 истифода мешуд, ки дигар ба стандартҳои муосири тиббӣ мувофиқат намекард ва иваз кардани онҳо фаврӣ арзёбӣ шуд. Дар чунин шароит, беморхона маҷбур шуд беморонро ба беморхонаҳои дигар воқеъ дар шаҳрҳои дуртар ба монанди Душанбе ва Хуҷанд ирсол кунад, ки мушкилоти зиёд ба бор оварад.

Ҳоло бошад, бо муҷаҳҳаз кардани Беморхонаи марказии шаҳри Панҷакент бо таҷҳизоти тиббии муосир, амсоли дастгоҳи вентилясияи сунъии шуш, имкони расонидани хизматрасониҳои тиббии баландсифат ва саривақтӣ ба беморон фароҳам шудааст, ки интизор аст боиси беҳтар шудани вазъи саломатии аҳолии шаҳри Панҷакент ва вилояти Суғд хоҳад шуд.

Ҳангоми маросим, **хонум ФУРУТА Кэйко** кормандони беморхонаро бо анҷоми бомуваффақияти лоиҳаи муҳими иҷтимоӣ табрик намуда, қайд кард, ки Ҷопон ҳамчун дӯсти хуби Тоҷикистон дар тӯли зиёда аз 30 сол аз замони ба истиқлолият ноил шудан дар соҳаҳои гуногун ба мардуми Тоҷикистон фаъолона кӯмак мерасонад ва соҳаи тандурустӣ яке аз муҳимтарин соҳаҳои ҳамкории дуҷониба байни Тоҷикистон ва Ҷопон мебошад.

Муовини раиси шаҳри Панҷакент **хонум НАҚИБӢ Парвина**, мудири беморхонаи марказии шаҳри Панҷакент, **ҷ-би РАҲИМОВ Умед** ва кормандони беморхона миннатдории амиқи худро ба Ҳукумат ва мардуми Ҷопон барои кумаки расонидашуда изҳор карданд.

Ҳукумати Ҷопон ният дорад дастгирии рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистонро идома диҳад.

*Барномаи кумакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ «GGP» тарҳи Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд махсуб мешавад. Кумакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин ба созмонҳои ғайридавлатӣ дода мешавад. Аз соли 1996 то инҷониб, кумакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ* ***468*** *лоиҳаро ба маблағи умумии* ***$38.9*** *миллион доллари ИМА дар Тоҷикистон амалӣ намудааст, аз ҷумла* ***118*** *лоиҳа дар соҳаи тандурустӣ.*

*Барои маълумоти бештар роҷеъ ба Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд ба саҳифаи сомонаи зайл назар андозед* https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html




